Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, бинои таълимии 15)

**Такризи**

**доктори илмҳои фалсафа, профессор Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович ба автореферати диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи “Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ**

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ таҷрибаи нав буда, мавриди таҳқиқ қарор додани он аз ҷониби муҳаққиқ иқдоми саривақтӣ ва созанда мебошад.

Мақсади асосии рисоларо таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши принсипи антропӣ: пайдоиш ва мавҷудияти инсон дар рӯйи замин, таносуби инсон, кайҳон, макрокайҳон ва микрокайҳон дар олам ва масъалаҳои ба ин монанд ташкил медиҳад.

Барои амалисозии мақсадҳои асосӣ диссертант ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои гуногунро ҳадафи хеш қарор додааст. Ба монандӣ, ошкор кардани низоми мафҳумҳои назариявӣ ва ғояҳои илмӣ, ки дар асоси он робитаи мутақобилаи принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулоти глобалӣ ба вуҷуд меоянд, таҳлили нуктаи назаре, ки бо фаҳмиши ин мушкилиҳо алоқаманд буда, таҳқиқи мутақобилияти аксуламали инсон бо табиат дар қаринаи принсипи анропӣ ва ғояи таҳаввулоти ҷаҳонӣ, истифодаи ин қарина дар ташаккулёбии ақидаи нави таҳаввули ноосферогенез ва коркарди асосҳои иҷтимоӣ-фалсафии назарияи ноосфера ва ғайраҳо.

Дар таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои фалсафӣ, муҳаққиқони барҷастаи Юнони қадим, Аврупои асримиёнагӣ, давраи Эҳё ва Нав, тоҷик ва ғ., ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯоварӣ намудаанд, такя кардааст. Дар баробари ин, корҳои илмии олимон ва муаллифонро дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла аз аз соҳаҳои илмҳои табиётӣ ва иҷтимоӣ-гуманитарӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст.

Боби якуми диссертатсия «Принсипи антропӣ ва фаҳмиши илмӣ-табиию методологии он» ном дошта, дар он пайдоиши ақидаҳои антропӣ дар фалсафа ва табиатшиносӣ, навъҳо ва тафсирҳои гуногуни принсипи антропӣ, принсипи антропӣ ва масъалаи мушоҳидачӣ баррасӣ гардидаанд. Инчунин муҳаққиқ нишон медиҳад, ки имрӯзҳо Кайҳон барои мушоҳидакунанда (инсон) ба майдони васеи фаъолият табдил ёфта истодааст. Аз назари вай имконпазирии чунин имконияти афсонавӣ дар Кайҳон дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва методологии арзишманд барои инкишофи минбаъдаи фаҳмиши фалсафии ҷойи инсон дар Олам мебошад.

Боби дуюми диссертатсия «Принсипи антропӣ бо ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ» унвон дошта дар он масъалаҳои таносуби принсипи антропӣ бо ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ, принсипи антропӣ ва масъалаи таҳаввулоти даста (ансамбл)-и оламҳо – Мултиверс, принсипи антропӣ ва муҳиммияти коркарди асосҳои иҷтимоӣ-фалсафии назарияи ноосфераро мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ 6 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА – назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақолаи дигар дар маҷмӯаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ нашр намудааст, ки ба муҳтавои рисолаи диссертатсионӣ мувофиқат мекунад.

Дар баробари дастовардҳои хуби илмӣ дар автореферати диссертатсия нуқсонҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар комил гардидани мазмуни автореферати рисола мусоидат менамояд:

1. Муаллиф дар боби дуюм, зербоби сеюм, ки «Принсипи антропӣ ва муҳиммияти коркарди асосҳои иҷтимоӣ-фалсафии назарияи ноосфера» унвон гирифта, фарогири ҳам назарияи таҳаввулотгароии глобалӣ, таҳаввули биосфера ба ноосфера, зарурати ташаккули илми нави ноогеника мебошад, хуб мешуд тамоюли таҳаввулот ва таъсири онро ба иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи зербоби алоҳида баррасӣ мекард.

2. Дар замони муосир, ҳангоми омӯзиш ва таҳлил инъикоси натиҷаҳои бадастомада дар шакли диаграмма, таблитса ва ҷадвалҳо, аҳамияти хосса дорад. Ба инобат гирифтани масъалаи мазкур дар оянда метавонад самаранокии таҳлил ва омӯзишро баланд гардонад.

Новобаста аз чунин норасогиҳо онҳо наметавонанд арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро халалдор намоянд.

Автореферати диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич ба шиносномаи ихтисос ва талаботи дигари Комиссияи атетстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он

сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ Раҳимов М.Ҳ.

Имзои д.и.ф., профессор Раҳимов М.Ҳ.-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи М.Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

**Суроғаи муқарриз:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хибони академкҳо Раҷабовҳо 10
Тел. 918827393
Почтаи электронӣ: Rakhimov55@mail.ru

“_2_” _05_ 2024с.